**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» оид ба диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (6D010201- Назария ва методикаи таълими ибтидоӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар натиҷаи санҷиши кори диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим", комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуро” дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Мухаметов Ғ.Б.** (раис), аъзоён: доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Исломов О.А.**, доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Файзиев И.Д.** ба хулосаи зерин омад:

1. Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим”, ки дар қолаби 164 саҳифаи компютерӣ, бо фарогирии муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулосаю тавсияҳо ва рӯйхати 200 сарчашмаи истифодашуда таълифу таҳия шудааст, тадқиқоти мустақил ҷамъбастшуда ва тахассусманд буда, ба талаботу меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори мазкур муаммоҳои педагогии омодасозии омӯзгорони мактиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим баррасӣ гардидаанд, аз ҷумла: мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим», таҳияи амсила самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ мушаххас шудаанд; шароитҳои ташкилию педагогии омода намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим муайян карда шудаанд; роҳҳои самараноки созмон додани муҳити мутобиқшавӣ дар баланд бардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим асоснок карда шудааст.

2. Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, моҳият ва расмиятдорорӣ ба талаботи бандҳои 31-32 Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

3. Мавзӯъ ва мундариҷаи кори диссертатсионнии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” ба шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (6D010201- Назария ва методикаи таълими ибтидоӣ) мутобиқ аст ва ҷавобгӯи талабот ба Феҳрасти ихтисосҳо мебошад, ки аз рӯи он дараҷаи илмӣ бо Қарори Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

4. Ба натиҷаҳои назарраси ноилшудаи муаллиф, ки навгонии тадқиқотро муайян мекунад, нуктаҳои зеринро қайд кардан ҷоиз аст, ки технологияи педагогии коркардшуда оид ба рушди самараноки омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим бо назардошти талаботи имрӯзаи

низоми таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои ташаккули шахсияти омӯзгори босалоҳият ва фаъолу эҷодкор, омодагии онҳо ба фаъолияти педагогӣ имконияти васеъ фароҳам меорад.

Арзиши амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқотро коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён, тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шуда, коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он ташкил медиҳанд.

5. Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда бомуваффақона ҳал карда шуда, натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия асоснок ва боэътимоданд. Нуктаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Автореферат ва корҳои нашршуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Усулҳо ва методологияи истифодашуда ба мавзуи диссертатсия мувофиқанд.

6. Рисола ба талаботи банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Натиҷаҳои асосии тадқиқот, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф инъикос шудаанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои илмие, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия тавсия додаанд, нашр шудаанд. Теъдоди чоп шудаи интишороти довталаб дар маҷаллаҳои тавсияшуда, ба банди 35 Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 мувофиқанд.

7. Дар кори диссертатсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна маълумотҳои нодуруст ҷой надоранд.

Умуман, кори диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбики технологияи инноватсионии муосири таълим", тадкикоти тахассусии ҷамъбастшуда ва мустакилона иҷрошуда буда, мушкилоти мубрам ва муҳими педагогиро ҳал менамояд ва ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ"-ро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Кори диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D010200- Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (6D010201- Назария ва методикаи таълими ибтидоӣ) пешниҳод шудааст, ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии зерин таъйин карда шаванд:

1. **Сатторов Абдурасул Эшбекович –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**2. Азимова Назира Самадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои математикӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ** таъйин карда шавад.

4. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Ба ҷойгир кардани эълон дар бораи ҳимоя дар сомонаи МДТ-ии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

**Г.Б.Мухаметов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ

*Суроға: ш. Душанбе, кучаи Мухаммадиев 6, ҳуҷраи 15; Тел.: (992) 90-442-41-16; email:gmuhametov@yandex.ru*

**Аъзоёни комиссия:**

**О.А. Исломов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ

*Суроға: Ш.Хуҷанд, микроноҳияи 8, хонаи 87, ҳуҷраи 43,Тел.: (992) 92-759-44-42; email:azizov.a@mail.ru*

**Файзиев И.Д.** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ

*Суроға: Ш.Хуҷанд, микроноҳияи 7, Сомониён 7/2, ,Тел.: (3422) 6-38-74; email:faiz1956@yandex.ru*

**Имзои раис ва аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ мекунам.**

24-уми апрели, соли 2023

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., дотсент** **Н.А. Ҳамробоев**

*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700,
микроноҳияи 12, хонаи 13, ҳуҷраи 11.
Тел.: 93-766-36-00
email: knasim@mail.ru.*